

# МУҶАССАМАИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР МАҶМААИ «ИСТИҚЛОЛ»-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Бобомуллоев С.Ғ.
Ғафуров А.М.
Рабизода О.

# МУҶАССАМАИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР МАҶМААИ «ИСТИҚЛОЛ»-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Зери назари президенти АМИТ Ф.Қ. Раҳимӣ
Муҳаррири масъул Н.К. Убайдулло

Аксбардор - Б. Бобомулло
Дизайнер - Ф.И. Раҳимов



Маҷмааи Истиқлол, ки бо дастуру ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сохта шудааст, нишони эҳтиром ба Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун арзишмандтарин, бузургтарин ва муқаддастарин рӯйдоди таърихӣ ва дастоварди миллати куҳанбунёду тамаддунсозу тамаддунофари тоҷик мебошад.



## ТАЪРИХИ МУХТАСАРИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Масъалаи омӯзиши таърихи шаҳри Душанбе ҳанӯз аз охири солҳои 30 – юми асри XX диққати олимону кишваршиносонро ба худ ҷалб намудааст. Баъд аз эълон гаштани шаҳраки Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1924 ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1929 баҳри ободонии шаҳр сохтмони иншоотҳои зиёди замонавӣ оғоз ёфтанд ва ин боиси дарёфти ашёҳое мегаштанд, ки таърихи ниҳоят қадима дошта, шаҳодати саҳифаҳои ҳанӯз номаълуми гузаштаи шаҳр буданд. Бахусус қисмати шимолу ғарбии шаҳр, то соҳили дарёи Душанбе, ки бо тарҳи ноҳамвори худ фарқ менамуд, диққатҷалбкунанда буд. Дар ҳамин ҷо соли 1939 аз ҷониби бостоншинос Н. Н. Забелина ковишҳои алоҳидаи бостонӣ гузаронида шуд. Таҳқиқотчиён ашёеро пайдо намуданд, ки ба асрҳои 1У – У милодӣ тааллуқ доштанд.

Ибтидои солҳои 50 – ум ҳангоми сохтмони канали пойгоҳи барқии Душанбе сокинони шаҳр ашёе дарёфт карданд, ки таърихи боз ҳам қадимтар дошта, гувоҳи санъати баланди заргарии сокинони шаҳрак ба шумор мерафт. Инҳо гӯшвори тиллоии ба шакли сфинкс сохташуда ва афзоли мудаввари биринҷии зарҳалипӯши асп (фалар) бо тасвири худои ангуру шароби юнониён Дионис (асри Ш-то милод), инчунин тангаҳои мисини шоҳони Кушонии асри 1 буданд.

Соли 1951 дар хонаи яке аз сокинони шаҳр дар қисмати шимолу ғарбии он қабре ёфт шуд, ки фавтида дар хуми баландиаш як метр дафн гардида буд. Чунин тарзи дафнкунӣ мутааллиқи давраи Кушониён буда, ба асрҳои П – Ш милодӣ рост меояд.

Соли 1954 бостоншинос С. М. Линде низ дар ҳудуди шаҳрак баъзе таҳқиқоти бостоншиносӣ гузаронида, қадимӣ будани онро бори дигар тасдиқ кард.

Соли 1956 бошад дар мавзеи ҳозираи Кохи Борбад бостоншиносон ду қабри дигар пайдо намуданд, ки аз хишти пухта ва тахтасангҳои чоркунҷа сохта шуда, болои яке аз онҳо боми шервонипӯш дошт. Дар яке аз қабрҳо оинаи биринҷӣ гузошта шуда буд. Қабрҳои мазкур мутааллиқи асрҳои П – Ш милодӣ буданд.

Дар солҳои 50-ум аз ҳудуди шаҳраки қадима инчунин тангаҳои зиёд пайдо гардиданд, ки қадимтаринашон ба асри 1 то милод (шоҳи Юнону Бохтарии Гелиокл) мутааллиқанд. Аз замони шоҳони Сосониён (асри У) бошад 39 танга кашф гардиданд. Бозёфтҳои мазкур шаҳодати он буданд, ки дар аҳди қадим, дар ҳақиқат, дар ҷои ҳозираи шаҳри Душанбе шаҳраке бо қоидаву талаботи қадимаи шаҳрсозию шаҳрдорӣ, дорои ҳунармандони боистеъдод ва тоҷирони варзида арзи вуҷуд доштааст.



Дар ҳамин радиф соли 1982 дар ҳудуди маҳаллаи 82 (қисмати соҳили рости дарёи Душанбе) аз ҷониби бостоншинос Т.М. Отаханов вайронаҳои шаҳри дигаре кашф гардид, ки аз қалъа ва шаҳристон иборат буда, давраи асри У1  - то ибтидои асри ХШ милодро дар бар мегирифт. Аз номи мавзеи мазкур ёдгории кашфгардида низ номи шаҳраки Шишахонаро гирифт. Аз ин ҷо маҳсулоти зиёди кулолӣ – аз  ҳайкалчаи худоён то зарфҳо ва  бозичаҳои кӯдакона кашф гардиданд. Мутаассифона, сохтмонҳои имрӯза имкон надоданд, ки он пурра таҳқиқ карда шавад. Дар ҳудуди маҳалаи ҳозираи “Испечак” (қисмати ғарбии Душанбе), начандон дуртар аз Шишахона бошад  бостоншинос В.С. Соловёв  қалъаеро бо номи Чормағзтеппа кашф намуд, ки аз асри УП то асри Х арзи вуҷуд доштааст. Дар ин ҷо низ дар радифи ҳуҷраву иморатҳои вайрона маҳсулоти зиёди ҳунармандӣ кашф гардид.

Бозёфтҳои тасодуфӣ ва таҳқиқоти алоҳида водор мекарданд, ки барои аниқ намудани таърихи шаҳри Душанбе корҳои васеи маҷмӯии бостоншиносӣ, таърихӣ ва мардумшиносӣ бурда шаванд, то  ҳудудҳои шаҳр дар давраҳои гуногуни таърихӣ аниқ гардида, мавқеи он дар таърихи шаҳрсозиву шаҳрдории халқамон, ривоҷи ҳунару санъати ниёгон муайян гардад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, соли 1983 бо дастгирии роҳбарияти шаҳр шӯъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии  Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо сарварии бостоншинос М.А.Бубнова бо таҳқиқи васеи ҳудуди шаҳр оғоз намуд. Дар натиҷа, ҳудуди шаҳраки антиқаи Душанбе дар масоҳати 35 гектар иборат аз қасри ҳоким, шаҳристон ва қабристони он муайян гардид. Дар Қасри ҳоким, ки дар натиҷаи сохтмони канал қисман боқӣ монда буд, қариб 40 – хуҷраҳои гуногун кушода гардида, маснуоти зиёд аз сафол, санг, филизот ёфт шуданд. Тибқи қайди бостоншиносон  қаср дуқабата  буда, онро аз як тараф ҷарии баланди соҳили дарёи Душанбе ва аз се тарафи дигар деворҳои мустаҳками мудофиавӣ иҳота мекарданд. Тадқиқот дар ин ҷо қабатҳои маданӣ ва бозёфтҳоеро кашф карданд, ки мутааллиқи асрҳои 1У-и пеш аз милод – 11 милодӣ буданд. Чунин бостонӣ будани шаҳраки кашфгардида моро водор мекунад ба ахбори ровиёни антиқӣ назар кунем. Аз ин ахбор бармеояд, ки Искандари Макдонӣ соли 327-и пеш аз милод баъди ба пуррагӣ забт намудани Осиёи Миёна қисме аз сарбозони худро бо роҳбарии лашкаркашии таҷрибадораш Кратер барои забти сарзамини паретакҳо боқӣ гузошта, худ бо лашкари асосӣ роҳи Ҳиндустонро пеш мегирад. Ба паретакҳо дар ин мубориза ду  нафар сарвар – Катан ва Австан роҳбарӣ мекарданд. Катан, ки яке аз ашрофони бохтарӣ буд, дар тамоми давраи мубориза алайҳи Искандар Спитаменро ҳамроҳӣ мекард ва баъди кушта шудани ӯ ба ватани худ баргашта, ҳамроҳи Австан муборизаро идома медиҳад.



Мардуми кӯҳистон боз солҳои зиёд ба муқобили истилогарон мубориза бурданд. Ҳамин буд, ки юнониён барои ба зери назорати доимӣ гирифтани водии Ҳисор ва кӯҳистони атрофи он дар баландии соҳили чапи дарёи Варзоб дар нимаи дуюми асри 1У пеш аз милод қалъае бино намуда, дар он аскарони худро ҷой карданд. Ин қалъа минбаъд дар замони подшоҳии Юнону Бохтар ба шаҳраки мустаҳкам ва маркази сиёсию маъмурии водии Ҳисор табдил ёфт.

Ба Музаффар Азизов, ки иштирокчии таҳқиқҳо буд, муяссар гардид, то дар ҳудуди Боғи ботаникии шаҳр (ҳоло Боғи Ирам) қалъаеро бо номи Арки мир кашф намояд, ки мутааллиқи асрҳои УП – УШ буд. Аз ҷониби бостоншинос Е. П. Денисов ҳамчунин боқимондаи қалъаи дигар бо номи Искандартеппа дар чорсӯи кӯчаҳои Коргар ва Ю.Фучик (баландии назди Иттиҳодияи истеҳсолии матоъҳои пахтагини шаҳри Душанбе) ёфт шуд, ки ба асрҳои Х – ХП тааллуқ дошт. Таҳқиқот солҳои минбаъда бо сарварии М.А.Бубнова ва А.Абдуллоев идома ёфтанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷои ҳозираи шаҳри Душанбе дар асри 111 пеш аз милод, яъне 2300 сол муқаддам шаҳраке арзи вуҷуд дошт, ки он то асрҳои П милодӣ дарривоҷу равнақ ва инкишоф буд. Дар асрҳои минбаъда бошад шаҳрак ҷои худро тағйир дода, дар қарни У1 ба соҳили рости дарёи Душанбе мегузарад (ёдгории Шишахона) ва то ибтидои асри ХШ, яъне то аз ҷониби муғулони чингизӣ хароб гаштанаш арзи вуҷуд дошт.

Дар соҳили чапи дарё бошад қалъаю рустоҳои алоҳидаи феодалӣ ҷой гирифта буданд. Мутаассифона, номи аслии Душанбеи бостонӣ ва асримиёнагӣ маълум нест. Дар манобеи хаттӣ фақат номи водӣ – Шумон аз охири асри УП вобаста ба ҳуҷуми лашкари араб ба ин сарзамин дарҷ гардидааст. Бо номи мазкур водии Ҳисор дар қайдҳои ровиёни гузашта то ҳуҷуми муғулҳо дучор мегардад. Воқеаҳои минбаъдаи таърихӣ, ки барои халқи тоҷик ниҳоят вазниниҳо ва нокомиҳо оварда буд, ба ҳуҷуми муғулҳои чингизӣ ва туркону қавмҳои ӯзбекони шайбонӣ зич алоқаманд мебошанд. Шаҳрҳо рӯ ба таназул оварда хароб гардиданд, шабакаи обёрӣ вайрон гардид, майдонҳои кишт ва боғу токзорҳо ба чарогоҳҳои аспону уштурони кӯчиён мубаддал гардиданд. Сарчашмаҳои хаттӣ низ хомӯш гаштанд. Акнун мардум аз таърихи хеш канда гардида, ба ҷои калимаи ба онҳо нофаҳмои Шумон калимаи Шодмонро истифода мекарданд (Ҳисори Шодмон, Қалъаи Шодмон ва ғ.).

Аз рӯи дафинаҳои дар ҳудуди шаҳр кашфгардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки шаҳраки Душанбе аз асри ХУ – ХУ1 сар карда, аз нав қомат рост мекунад ва мавқеи худро ҳамчун шаҳраки тиҷоратӣ эҳё мегардонад. Чунончӣ, аз ду дафинаи дар ҳудуди шаҳр кашфгардида 3010 танга дарёфт шуд, ки ба асрҳои номбурда тааллуқ дошта, дар Хатлон, Ҳисор, Тирмиз, Бухоро, Самарқанд, Қаршӣ, Тошканд, Андиҷон ва ғ. сикка зада шудаанд. Ҷуғрофияи тангаҳои мазкур худ шоҳиданд аз мақоми Душанбе ҳамчун шаҳраки сирф тиҷоратии минтақа.

Дар манобеи хаттӣ бори аввал номи Душанбе дар асари “Баҳру – л - асрор” – и Маҳмуд ибни Амир Валӣ, ки солҳои 1634 – 1641 таълиф ёфтааст, бо номи Душанбеи Қаромиршикор, яъне Қарияи Мири шикор дарҷ гардидааст. Дар ҳақиқат, ҳоло ҳам маҳаллае бо номи Қарамишкор (дар соҳили чапи дарёи Душанбе, аз Хиёбони Шерозӣ то Наврӯзгоҳи шаҳр) бо масҷиди ҷомеи худ вуҷуд дорад. Мувофиқи нақли куҳансолони маҳалла солҳои то замони шӯравӣ рӯзҳои душанбе дар ин ҷо бозори калон барпо мегардид, ки аз тамоми шаҳру навоҳии гирду атроф тоҷирон меомаданд ва онро бозори Душанбе мегӯфтанд. Шубҳае нест, ки минбаъд ин ном ба тамоми шаҳр нисбат дода шуда, Қаромиршикор ба як маҳаллаи он табдил ёфтааст.

Номи Душанбе бори дуввум дар мактуби хони Балх Субҳонқули Баҳодур ба шоҳи рус Федор Алексеевич ёд мешавад. Ин мактуб имкон медиҳад, ки бо назардошти қонунҳои илми таърих, шаҳри Душанберо дорои таърихи 400-сола гӯем.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо соли 1747 Душанбе дар ҳайати бекигарии Ҳисор ба аморати Бухоро тобеъ мегардад. Дар давраҳои минбаъда бекигарии Ҳисор аксар вақт сиёсати мустақилонаи худро пеш бурда, ба марказ кам итоат мекард. Ҷангҳои феодалии ин давра барои марказонидани минтақаҳои саркаш боиси харобии шаҳру деҳот мегардид. Аз ин ҷост, ки дар асри XIX Душанбе якчанд маротиба мавриди тохтутоз қарор мегирад. Аз ҷумла, дар солҳои 40-уми қарни XIX шаҳр ду маротиба: аввал аз ҷониби беки Дарвоз –Исмоилхон, сипас аз ҷониби ҳокими Балҷувону Кулоб – Мизробшо вайрон карда мешавад.

Шаҳри имрӯзаи Душанбе дар охири асри XIX аз деҳаҳои Душанбе, Шоҳмансур, Сари Осиё, Ғофилобод, Мири Шикор, Хуҷамбиёи боло ва Хуҷамбиёи поён, Қаримишкор, Чармгарон ва Заргар иборат буд. Деҳаи калонтарин – Душанбе бештар аз 500 ҳавлӣ дошта, дар он 6-8 ҳазор одам мезист. Ин деҳа аз ҷониби шимол то меҳмонхонаи ҳозираи «Авасто», аз ҷануб то кӯчаи Шотемур, аз шарқ то чойхонаи «Роҳат», аз ғарб то нишебии соҳили дарёи Душанберо ишғол мекард. Дар деҳа қалъаи начандон калоне воқеъ буд, ки дар он гарнизони ҳарбӣ ҷойгир буд. Дар атрофи қалъа хонаҳои пахсагини бомаш бо қамиш пӯшидашуда ҷой гирифта буданд. Душанберо бо дигар минтақаҳо кӯпрукҳои чӯбин мепайвастанд.

Пас аз заминларзаи 8 сентябри соли 1907 дар Қаротоғ, ки бар асари он ҳазорон нафар ҳалок гардиданд, беки Ҳисор Шоҳимардонқул барои таъмини бехатарии худ бо оилааш ба Душанбе мекӯчад ва онро истироҳатгоҳи тобистонаи хеш қарор медиҳад. Аз ҳамин вақт сар карда, Душанбе ба маркази тобистонаи бекҳои Ҳисор мубадал мегардад. Ба маркази маъмурии водии Ҳисор табдил ёфтани шаҳр ба якбора зиёд шудани аҳолии он мусоидат менамояд. То соли 1920 аҳолии шаҳр то 14-16 ҳазор нафар меафзояд.



Аҳолии Душанбе асосан аз деҳқонон, савдогарон, ҳунармандон ва судхурон иборат буд. Қисми камтарро ғуломон, хизматгорон ва аробакашҳо ташкил медоданд. Дар ибтидои асри XX  дар шаҳр ба ғайр аз тоҷикон, ки аксари кулли аҳолиро ташкил медоданд, узбекҳо, афғонҳо, ҳиндувон, чиниҳо, яҳудиёни бухорӣ, эрониён ва ғайра зиндагӣ мекарданд.

Тамоми ҳукумати маъмуриро беки Ҳисор бо дастгоҳи мансабдоронаш, ки ба он амлокдорон, ясавулбошӣ, девонбегӣ ва ғайра шомил буданд, иҷро мекард. Амлокдорони Душанбе ба беки Ҳисор тобеъ буданд, охирин амлокдори Душанбе Элҷон буда, ӯ дар як вақт ҷонишини беки Ҳисор низ буд.

Душанбе бо боғоти мевагии бошукуҳу чинорҳои куҳансолаш, ки зери онҳо чойхонаҳо ҷой гирифта буданд ва бозиҳои саргармкунанда –бедонабозию кабкбозӣ мeоростанд, диққатро ҷалб мекарданд. Сокинони он бо ҳунармандӣ низ шӯҳрат доштанд.

Дар асри Х1Х ва ибтидои асри XX мансабдорони бешумори ҳарбӣ ва олимони хориҷӣ –Ҷ. Вуд, С. Гедин, Лилиентал, Б. Литвинов, А. Федченко, М. Маев, Н. Минаев, В.И. Липский ва дигарон ба Душанбе омаданд. Маҳз навиштаҳои онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ҳаёти он давраи Душанберо то дараҷае омӯзем.

Шаҳр бо оби канали сунъии Ҳазора таъмин карда мешуд. Канали дигар - канали Шоҳмансур буд, ки аз дарёи Кофарниҳон меомад, қад-қади кӯчаи имрӯзаи Айнӣ мегӯзашт.

Дар Душанбе рӯзҳои асосии ҳафта якшанбе ва чоршанбе ба ҳисоб мерафтанд. Ба шаҳр аз тамоми Бухорои Шарқӣ ва мамолики хориҷӣ савдогарону харидорон, ки барояшон зиёда аз 300 дӯкон хизмат мекарданд, ҷамъ меомаданд. Дар майдони бозор 12 чойхона сохта шуда буд, ки дар сояи чанорҳои бисёрасра чой гирифта, ба мардум хизмат мекарданд. Соли 1911 бо фармони Генерал –губернатори Туркистон ба Бухорои Шарқӣӣ дастаи духтурон ва муҳандисони рус бо мақсади омӯзиши вазъи эпидемиологӣ дар маҳал ва сохтмони беморхона фиристода мешаванд. Ин беморхона дар ш. Душанбе сохта мешавад, ки аввалин бинои шакли аврупоӣ дар шаҳр ва тамоми Бухорои Шарқӣ  буд. Бино соли 1915 қомат рост карда, аз сабаби ҷанги якуми ҷахон то охир сохтмони он анҷом наёфт. Ин бино бо номи «хонаи русӣ» машҳур буд.

Куллан таъғир ёфтани вазъияти ҷамъиятиву сиёсии аморати Бухоро ва пошхӯрии он, таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ва пойдоршавии сохти шуравӣ  ба он мусоидат намуданд, ки дар ибтидои солҳои 20-и асри сипаришуда шаҳри Душанбе оҳиста-оҳиста ба маркази маъмурии Бухорои Шарқӣ  ва сипас  Тоҷикистони тозабунёд табдил меёбад. Муҳимтарин воқеоти сиёсии минтақа минбаъд дар ҳамин собиқ деҳаи кӯчак сурат мегиранд.



Баробари таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, ки собиқ бекигариҳои аморатро ба вилоятҳо табдил дод (бо баъзе таъғироти марзиву номҳо) вилояти Душанбе низ таъсис дода шуд ва аз 20 октябр то 31 декабри соли 1920 ш. Душанбе маркази маъмурии вилояти Душанбе маҳсуб мeёфт, ҳарчанд, ки аз миёнаҳои моҳи сентябри соли 1920 то 21 феврали соли 1921 дар шаҳр амири фирорӣ маскан гирифта, онро ба маркази мубориза алайҳи сохти нави шуравӣ табдил дода буд. Дар ин ҷо амир сафи артиши хешро пурра намуда, ба муҳориба омодагӣ мегирифт. Вале ӯ дар шаҳр зиёд истода натавонист, зеро қушунҳои якҷояи Артиши Сурх ва Ҷумҳурии Ҳалқии Шуравии Бухоро ӯро дунболагир намуда, ба озодкунии Бухорои Шарқӣ (ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони ҷанубиву марказӣ ) аз амир ва тарафдорони ӯ оғоз намуданд. Ин дастаи муттаҳида ки дар таърих бо номи Отряди экспедитсионии ҳарбӣ -сиёсии Ҳисор ном гирифтааст, дар як муддати кӯтоҳ тамоми Бухорои Шарқиро таҳти назорати хеш қарор дода, амирро маҷбур сохт, ки ба Афғонистон фирор намояд.

Пас аз ишғоли Душанбе ва дигар навоҳии Бухорои Шарқӣ моҳҳои феврал-марти соли 1921 намояндагони масъули ҳукумати навтаъсиси Ҷумҳурии Бухоро ба шаҳр меоянд ва ба созмон додани мақомоти нави ҳокимият машғул мешаванд. Онҳо дар ин ҷо сараввал кумитаи инқилобии тумани Душанберо таъсис доданд, ки ба вилояти Ҳисор шомил буд. Ғайр аз намояндагони масъули ҳукумати Бухоро қароргоҳи отряди ҳарбӣ -сиёсии Ҳисор низ дар Душанбе мемонад ва аз ин вақт ба баъд Душанбе ба маркази сиёсиву маъмурии Бухорои Шарқӣ табдил меёбад.

Кумитаҳои инкилобӣ – органҳои фавқулоддаи ҳокимияти Шуравӣ буданд, ки дар ибтидои барпо сохтани ин шакли давлатдорӣ, то таъсиси Шӯроҳо муваққатан функсияи онҳоро иҷро мекарданд.

Минбаъд кумитаи инкилобӣ тамоми ҳаёти шаҳрро идора мекунад. Дар тӯли фаъолияти на он қадар тӯлонии хеш (камтар аз як сол) кумитаи инқилобии Душанбе (аз моҳи марти соли 1921 Душанбе ба вилоят мубаддал мешавад) асосан ба кори ташвиқу тарғиби мардум нисбати ғояҳои давлати навтаъсис машғул буданд. Дар як вақт кӯшиши амалӣ сохтани дигаргуниҳои фарҳангӣ низ ба назар мерасиданд.

Пас аз маркази вилояти Душанбе интихоб намудани шаҳр дар моҳи марти соли 1921 дар ин ҷо Нозироти вилоятии маориф ба кор оғоз мекунад. Дар муддати кӯтоҳ ин ташкилот тавонист корҳои зиёдеро анҷом диҳад. Аз ҷумла, моҳи апрели ҳамон сол дар пойтахт курси семоҳаи таълимӣ ба кор шурӯъ намуда, дар он қариб 40 нафар таълим мегирифтанд. Аз сабаби нарасидани муаллимон вазифаи онҳоро мудири шӯъбаи маорифи вилоят, сардори милитсия, котиби кумитаи инкилобӣ ва амсоли онҳо иҷро мекарданд. Ба кӯшиши шӯъбаи вилоятии маориф дар Душанбе анҷумани аввалини кормандони маорифи вилоят барпо мегардад, ки масъалаи ҷорӣ намудани корҳои



таълимиро дар ҳудуди вилоят баррасӣ менамояд. Дар ҳамин давра ҳукумати Ҷумҳурии Бухоро ба ин ҷо 12 нафар муаллимонро бо лавозимоти таълимӣ мефиристад, то талабагон ба таълим фаро гирифта шаванд.

Яке аз воқеоти хотирмони ин сол бори аввал дар Душанбе ҷашн гирифтани иди 1 май буд. Дар ин рӯз дар шаҳр паради ҳарбии гарнизони шаҳр барпо шуда, аҳолии зиёдеро ҷамъ меорад. Ба муносибати иди меҳнаткашон дар ин рӯз аввалин «Чойхонаи сурх» кушода мешавад, ки дар маросими ифтитоҳи он намояндагони Артиши сурх суханронӣ намуда, мақсаду мароми ҳокимияти нави шӯравиро ба аҳолӣ мефаҳмонанд.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми аз мухолифин озод намудани Бухорои Шарқӣ намояндагони ҳукумати нав, бахусус аскарони сурх ба хатоиҳое роҳ доданд, ки ба шуришҳои зиддишуравӣ сабаб гаштанд. Аз нимаи дуюми моҳи маи соли 1921 дар Бухорои Шарқӣ ошӯбҳо паси ҳам сар заданд ва то моҳи декабри ҳамон сол тамоми қаламрави Бухорои Шарқӣ ба дасти қувваҳои зиддишуравӣ гузашт.

Бахусус мубориза барои ба даст овардани Душанбе тирамоҳи соли 1921 хеле тезутунд сурат гирифт. Қувваҳои мухолифин, ки зери роҳбарии Анварпошшо амал мекарданд, тавонистанд қувваҳои Артиши сурхро маҷбур созанд, ки Душанберо тарк кунанд.

Мубориза барои Бухорои Шарқӣ идома меёфт. Ҳукумати нави шӯравӣ аз хатоиҳои рухдода хулоса баровaрда якчанд чораҳо андешид, то майли аҳолии минтақаро ба сӯи хеш кашад. Пас аз таъсиси Комиссияи Фавқулоддаи диктаторӣ оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ ва якчанд қарордодҳои дигар аскарони сурх ба комёбиҳо ноил шуданд ва ин ҳолат имкон дод, ки соли 1922 Бухорои Шарқӣ аз нав ба зери назорати Ҳукумати Шӯравӣ гузарад.

14 июли соли 1922 шаҳри Душанбе аз нав ба дасти аскарони сурх гузашт. Бо қарори сессияи 4-и КИМ-и Умумибухороӣ Душанбе маркази Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ интихоб карда мешавад ва аз 1 сентябри ҳамон сол фаъолияти хешро дар Душанбе оғоз мекунад. Тибқи ҳамин қарор Душанбе инчунин маркази чор вилояти навтаъсиси Бухорои Шарқӣ - Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб ва муваққатан Шеробод дониста мешавад.

Пас аз ин қумитаи инкилобӣ ба корҳои барқаросозии шаҳр ва бозгардонидани аҳолии шаҳр, ки дар давраи задухӯрдҳои тирамоҳи соли 1921 – баҳори соли 1922 хонаҳои хешро тарк намуда буданд, оғоз мекунад. Раиси кумитаи инқилобии Душанбе Мирзо Саид Абдуллоев, ки аз моҳи июли ҳамон сол намояндагии КФД-ро барои таъсиси кумитаи инқилобии вилояти Душанбе ба ӯҳда дошт, таъин мешавад. Кумитаи инқилобӣ дар ин давра бо мардуми шаҳр ва атрофи он суҳбатҳо гузаронида, дар кентҳо сарварони кумитаҳои инкилобӣ ва дар деҳаҳо оқсақолҳоро таъин менамояд. Инчунин кумита ҳаҷми хироҷро муайян менамояд, ки барои таъмини аҳолии шаҳр ва аскарони



сурх бо хӯрока сарф мешуд. Аскарони сурх дар барқарор намудани биноҳои харобгашта, тоза намудани ҷуйборҳо ва кӯчаҳо кӯмак мерасонданд.

Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ бо мақсади пурра барқарор намудани шаҳри Душанбе моҳи ноябри соли 1922 боргоҳи хешро ба Ҳисор мекӯчонад ва барои ҳарчӣ зудтар барқарор сохтани шаҳр чораҳои иловагӣ меандешад. Аз ҷумла, КФД кумитаи инқилобии Душанберо вазифадор менамояд, ки 500 нафар коргарро бо олоти кориашон барои ободии шаҳр сафарбар созад. Барои иҷрои ин қарор кумитаи инкилобӣ аз Лақай, Ёвон, Файзобод, Норак, Ромит ва Хонақоҳ 50 нафарӣ ҳунармандонро бо сарварии шахсони обрӯманди ин манотиқ ба Душанбе даъват менамояд. Ғайр аз ин, аз манотиқи номбаршуда 10 нафарӣ устоҳои хонапӯш ва деворзан ба Душанбе оварда мешавад. Ҳамин тариқ, аввалин бор корҳои муташаккилона ва мувофиқи нақша обод намудани шаҳр шуруъ мешаванд, ҳаёти осоишта дар пойтахти оянда оғоз мегардад ва шаҳр рӯз аз рӯз аз ҳисоби бозгаштагон ва навомадагон васеъ шудан мегирад, аввалин «кӯчаи шуравӣ» пайдо мешавад. Сохтмони бинои почтаву телеграф, электростансия ва мактаб-интернат оғоз ёфта, дар шаҳр шӯъбаи Госторг ба кор оғоз мекунад, аввалин кооперативи истеъмолӣ арзи вуҷуд мекунад.

Вале аз Душанбе то марказ ягон хатти нақлиёт ҳанӯз мавҷуд набуд. Бинобар ин намояндаи ҳукумати марказ С.Каменев дар баромади хеш дар ҷаласаи якҷояи Шӯрои Нозирони Халқ ва КИМ-и Бухоро бори аввал масъалаи ташкили нақлиёти давлатиро аз Термиз то Душанбе ба миён мегузорад ва барои амалӣ сохтани ин иқдом таклиф менамояд, ки 500 ҳазор рубли тиллоӣ ҷудо карда шавад. Ӯ қайд мекунад, ки сохтмони ин роҳ аҳолиро аз улав озод мекунад ва ба инкишофи минбаъдаи шаҳр мусоидат менамояд. Ба муқобилияти қисми зиёди аъзоёни ҳукумат нигоҳ накарда, ба ин мақсад 300 ҳазор рубли тилло ҷудо карда мешавад.

Бояд иброз дошт, ки дар натиҷаи муҳорибаҳо ва рӯ ба муҳоҷират овардани ахолӣ хоҷагии халқи шаҳр ва тамоми Бухорои Шарқӣ хароб шуда буд. Мувофиқи ҳисоботи кумитаҳои инкилобӣ миқдори заминҳои кишт дар Бухорои Шарқӣ нисбат ба солҳои тоҷангӣ 60 % кам, чорвопарварӣ бошад батамом нест мешавад. Ин аҳвол кумитаҳои инқилобиро вазифадор сохта буд, ки барои ҳарчи зудтар барқарор намудани ин соҳаҳо чораҳои зарурӣ андешад, ки муҳимтарин онҳо бозгардонидани аҳолӣ ва бо тухмиву олоти корӣ таъмин намудани онҳо буд.

Дар масоили фарҳангӣ низ чорабиниҳои амалӣ мешаванд. Курсҳои маҳви бесаводӣ ба кор оғоз намуда, барои бо васоити таълим таъмин намудани толибилмон маблағ ҷудо карда мешавад. Соли 1923 ба Душанбе аз Қаршӣ се ҳазор нусха китоб меоранд, ки дар асоси онҳо аввалин китобхона бунед меёбад. Худи ҳамон сол матбаи хурд ба кор медарояд. Моҳи декабри соли 1923 аввалин маротиба дар Душанбе рӯзномаи ҳарбиён «По басмачу» чоп мешавад.



Аввали соли 1922 – ибтидои 1923 дар шаҳр аввалин амбулатория ва соли 1923 стансияи пешгирии касалиҳои сирояткунанда (зиддималярия) ба кор шурӯъ мекунанд.

Аз нимаи дуюми соли 1924 вазъият дар Бухорои Шарқӣ то андоза муътадил мегардад ва имконияти пиёда намудани чорабиниҳои сиёсӣ пайдо мешавад. Аз ин хотир, бо қарори Кумитаи Марказии Умумибухороӣ аз 7 июни соли 1924 Комиссияи Фавқуллодаи диктаторӣ фаъолияти хешро хотима медиҳад ва ба ҷои он Кумитаи Марказии Иҷроияи муваққатии Шӯрои вакилони халқи Бухорои Шарқӣ бо марказ дар Душанбе созмон меёбад. Ин мақоми демократии ҳокимият дар давоми моҳҳои июл-августи соли 1924 дар Бухорои Шарқӣ маъракаи интихоботи вакилонро барпо мекунад ва моҳи сентябри соли 1924 дар натиҷаи ин интихобот анҷумани якуми Шӯрои вакилони халқи Бухорои Шарқӣ барпо мешавад. Ин анҷумани таърихӣ масоили ба пуррагӣ маҳв сохтани босмачигарӣ, барқарор намудани хоҷагии халқ, тақсимоти миллӣ - марзии халқҳои Осиёи Миёнаро баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул менамояд. Анҷуман инчунин ҳайати роҳбарикунандаи КИМ-и Бухорои Шарқӣ ва вакилонро ба анҷумани V умумибухороии Шӯроҳо интихоб мекунад. Бояд зикр намуд, ки дар Душанбе баргузор шудани ин анҷуман ва ширкати аҳолии камбизоат ба сифати вакил аҳаммияти бузурги таърихӣ дошта, боварии мардумро ба ҳукумати нав афзуд, дар шуури мардуми асрҳо беҳуқуқу бепуштибон инқилоберо ба вуҷуд овард.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар рӯзи дуюми кори анҷумани якуми Шӯроҳои Бухорои Шарқӣ ба ифтихори чорумин солгарди инқилоби Бухоро, дар ш. Душанбе аввалин электростансияи дизелӣ ба кор шурӯъ намуд, ки қобилияти таъмини 200 нуқтаи равшанидиҳандаро бо барқ бархурдор буд. Ин иқдом барои тамоми шаҳрро бо равшанӣ таъмин намудан басанда буд.

Ҳамин тариқ, пас аз баргузор шудани анҷумани 1 Шӯроҳои вакилони халқи Бухорои Шарқӣ ва маркази он таъин шудани шаҳри Душанбе, пойтахти минбаъда мақоми худро ҳамчун маркази минтақа мастаҳкам месозад ва минбаъд муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Бухорои Шарқӣ дар Душанбе баррасӣ мешаванд.

14 октябри соли 1924 сессияи навбатии КИМ-и Умумироссиягӣ дар хусуси тақсимоти марзӣ - миллии Осиёи Миёна қарор қабул менамояд, ки тибқи он Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон созмон меёбад ва дар ҳамин асос 26 ноябри соли 1924 дар ш. Тошканд мақоми муваққатии ҳокимияти Ҷумҳурии Мухтор – Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (то даъвати анҷумани муассисон) таъсис меёбад. Аз сабаби он, ки ҳайати ҳукумати ҷумҳурӣ дар ш. Тошканд қарор дошт, вай то омадан ба Душанбе дар он ҷо якчанд ҷаласа мегузаронад, ки аксар ба масоили ташкилӣ ва ба Душанбе интиқол додани пойтахт бахшида шуда буданд.



Аввалин ҷаласаи ҳукумати Тоҷикистон – Кумитаи инкилобӣ 7 декабри соли 1924 дар ш. Тошканд бо иштироки Б.Додобоев, Ҳомидов, Ч.Имомов, Ҳоҷӣ Раҳматулло Species Бобоҷонов, С.Соколов, Ш.Шотемур, А. Қурбӣ, И.Федко ва ба таври даъват - Дяков, Ҷ. Зокирӣ ва М.Исмоилов баргузор мешавад.

Масъалаи асосии ҷаласаи аввалин ба маркази ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе кӯчонидани ҳукумат буд, ки дар ин бора аъзои ҳукумат С.Соколов маърӯза намуд. Тибқи қарори қабулшуда рӯзи ба Душанбе омадан 29 декабр муайян шуда, аъзои Кумитаи инкилобӣ Шириншо Шотемур вазифадор карда мешавад, ки пешакӣ ба Душанбе рафта, барои ҳукумат ва муассисаҳои ҳукуматӣ биноҳои мувофиқ интихоб намояд ва барои иҷрои ин чораҳо 10 ҳазор рубл ҷудо карда мешавад. Мувофиқи ҳамин қарор комиссияи техникӣ дар ҳайати Б.Додобоев. Ҷ. Зокирӣ ва Счастнев таъсис дода мешавад, ки корҳои омадагиро барои интиқоли дастгоҳи ҳукумат ба Душанбе ба зимма мегирад.

Маросими интиқоли ҳукумат ба пойтахт мувофиқи нақша сурат нагирифт, зеро набудани роҳ ва хатари ҳуҷуми дастаи Иброҳимбек монеаҳо ба вуҷуд оварда буданд.

Бинобар ин, ҳайати якуми ҳукумат на 29 декабр, балки 16 январи соли 1925 ба воситаи ҳавопаймо ба Душанбе омад. Боқимонда аъзоёни ҳукумат бо аспу ароба ва таҳти муҳофизати ҳарбиёни полки 13-и тирандозии куҳӣ пас аз ду ҳафта ба Душанбе меоянд ва танҳо 5 феврали соли 1925 ҳайати ҳукумат дар Душанбе пурра ҷамъ мешавад.

Ҳамин тариқ, воқеоти ибтидои солҳои бистум, ки дар собиқ аморати Бухоро ба вуқуъ пайвастанд, вазъи ҷамъиятиву сиёсии минтақаро ба куллӣ тағйир дода, ба он мусоидат намуданд, ки собиқ деҳае ба яке аз марказҳои маъмуриву сиёсии Осиёи Миёна мубаддал гардад ва минбаъд ҳамчун пойтахти ҶШС Тоҷикистону имрӯз ба сифати пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол шинохта шавад.

2 ноябри соли 1926 дар ҷаласаи Раёсати Кумитаи инқилобии ҶШМС Тоҷикистон нақшаи аз ҷониби меъморон тартибдодаи шаҳри Душанбе аз назар гузаронида шуда ва доир ба номи аввалин кӯчаҳои шаҳр ва он ҷойҳое, ки онҳо мегузаранд, қарор карда шуд. Дар он гуфта мешуд, ки «Ноҳияҳои зерини кӯчаҳои Душанбе - Ленин, Коммунистӣ, Интернатсионал, Советӣ, Карл Маркс, Деҳқон, Қӯрғонтеппа… ҳамагӣ ҷамъ 18 номгӯй тасдиқ карда шавад».

27 апрели соли 1927 Шӯрои Комиссарони Халқи ҶШМС Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони шаҳри Душанбе» қарор қабул намуд, ки барои шаҳрсозии муратаб аз рӯи барнома замина муҳайё намуд. Соли 1927 аз рӯи лоиҳаи меъмор П.И. Ваулин дар Душанбе аввалин қасри бошукӯҳ барои гузаронидани анҷуман, конференсия ва ҷаласаҳои гуногун – Қасри деҳқон сохта шуд. То соли 2018 дар ин бино Театри драммавии русии ба номи В. Маяковский ҷойгир буд. Соли 1928 ҷанубтар аз кинотеатри собиқ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ бинои Комиҷроияи Марказии ҶШМС Тоҷикистон сохта шуд.



Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон дар роҳи минбаъдаи давлатдории халқи тоҷик давраи муҳим ба шумор мерафт. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав пайдо гашт, ки пойтахти он шаҳри Душанбе гардид. 19 октябри соли 1929 Анҷумани фавқулодаи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон дар хусуси табдил додани номи Душанбе ба Сталинобод қарор қабул намуд. 1 декабр Раёсати КИМ ИҶШС ба қарори Анҷумани фавқулоддаи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон дар хусуси табдил додани Душанбе ба Сталинобод ризоият дод.

10 сентябри соли 1929 ба Душанбе қатораи нахустин омад. Алоқаи роҳи оҳан бо Маскав кушода гардид. Маҳз аз ҳамин давра болоравии қатъии иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон оғоз меёбад. Ба василаи қаторахои аввалин барои сохтмони заводҳо оид ба тайёр намудани хишти пухта ва оҳану бетон таҷҳизоти зарурӣ оварда шуд.

Соли 1930 Ҳукумати Тоҷикистон аввалин лоиҳаи банақшагирии шаҳри Душанберо тасдиқ намуд. Моҳи феврали соли 1930 дар ҷаласаи Шӯрои шаҳри Душанбе оид ба сохтмони фурудгоҳ дар қафои бинои вокзали роҳи оҳан ва харидорӣ намудани таҷҳизот ба маблағи 100 ҳазор сӯм қарор қабул карда шуд. Аз соли 1931 дар Душанбе ба таври доимӣ ду ҳавопаймои Ф –13 ҷойгир гашта, дар назди Шӯрои шаҳр аэроузел ташкил карда шуд. Миёнаҳои солҳои 30-ум фурудгоҳ бо ҳавопаймоҳои тамғаи АНТ –9, ПС-5, П-5, Стал –2 пурра карда шуд.

Дар нимаи якуми солҳои 30-ум аз рӯи лоиҳаи меъмор П.И. Ваулин дар Душанбе нахустин биноҳои дуошёна - Кумитаи Шӯрои халқ (рӯ ба рӯи бинои Ҳукумати шаҳр) ва Комиссариати халқии кишоварзӣ (ҳозира бинои Вазорати адлия) сохта шуд. Соли 1934 дар хиёбони ба номи академикҳо С. ва З. Раҷабовҳо (собиқ кӯчаи ба номи Кубышев) аввалин мактаби тоҷикии дуошёна сохта шуд, ки ҳоло дар ин бино Осорхонаи бостоншиносони Тоҷикистон ҷой гирифтааст. Моҳи июни соли 1935 дар кӯчаи Лоҳутӣ (хиёбони Рӯдакӣ) ба сохтмони бинои Кумитаи марказии ҳизби Коммунистии (КМ ҲҚ ) Тоҷикистон бо гармидиҳии буғӣ оғоз намуданд (ҳозира бинои Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ҳамин сол бинои Бонки давлатӣ (имрӯза Бонки Миллии Тоҷикистон) ба истифода дода шуд.

Дар солҳои 30-ум индустриякунонии батадриҷи шаҳр оғоз ёфт, ки дар натиҷаи он 20 корхонаи саноатӣ – заводҳои хишт, чарм, чӯбкорӣ, таъмири мошинҳо, пивокашӣ, гаҷбарорӣ, шоҳибофӣ, ду фабрикаи дӯзандагӣ, комбинати гӯшт, НОБ – и Варзоб ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд.

3 марти соли 1938 Ҳукумати Тоҷикистон нақшаи генералии шаҳри Душанберо, ки меъморони ленинградӣ (имрӯза петербургӣ) М. Баранов, Н.Баранов, муҳандисон Г. Сидко ва Г.Шлеховский таҳия намуда буданд, тасдиқ намуд. Нақша барои 170 ҳазор истиқоматкунандагон муқаррар шуда буд ва сохтмони шаҳр танҳо дар соҳили чапи



дарёи Душанбе пешбинӣ шуда буд. Вале, аллакай дар соли 1939 сохтмончиёни пойтахт ба соҳили рости дарёи Душанбе қадам ниҳоданд. Ҷавонони шаҳр ба сохтмони кӯли Комсомол ва боғи он шурӯъ намуданд, корҳо оид ба бунёд намудани иншоотҳои варзишӣ, ки ба оғози сохтмони комплекси бузурги варзишӣ асос гузоштанд, сар шуданд.

23 январи соли 1939 бо фармони Раёсати Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар Душанбе се ноҳияи маъмурӣ –Душанбе (аз соли 1961 ноҳияи Октябр, аз соли 1999 –ноҳияи Исмоили Сомонӣ), Марказӣ ва Роҳи Оҳан таъсис дода шуданд.

Дар соли 1939 шумораи аҳолии Душанбе ба 82,5 ҳазор нафар расида буд.

Душанбе дар ду даҳсолаи аввал, ҳамчун пойтахт роҳи пуршарафи меҳнатиро тай намуд. Вале дар пеши чашм Душанбе аз деҳаи кӯчак ба шаҳри замонавӣ мубаддал гардид. Душанбе дар индустриякунонии Тоҷикистон саҳми зиёд гузошт. Маҳсулоти он ба сохтмонҳои муҳимтарин ва корхонаҳои дурдасттарини ҷумҳурӣ расонда мешуданд. Синфи коргари пойтахт дар баланд бардоштани хоҷагии кишоварзӣ ва гузаронидани системаҳои муҳимми ирригатсионӣ кӯмаки зиёд расонд. Душанбе маркази фарҳангии мамлакат гардид. Дар ин ҷо бештари мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ мутамарказонида шуданд, беҳтарин кадрҳои илмӣ меҳнат мекарданд, аҳли санъату адаб эҷодкорона кор мекарданд.

Субҳи 22 июни соли 1941 Германияи фашистӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум намуд. Ҳукумати Шуравӣ дар изҳороти худ ба воситаи радио ҳамон рӯз халқ  ва артишро барои муборизаи беамон ба зидди истилогарон даъват намуд.  Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфт.

Фиристодагони Душанбе дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мардонагӣ ва диловарӣ зоҳир мекунанд. Ягон задухӯрди калоне набуд, ки дар он ҷанговарони душанбегӣ иштирок надошта бошанд. Даҳҳо ҳазори онҳо бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шуданд, ба ҳаждаҳ нафар душанбегиён унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд. Фиристодагони Душанбе бо мардонагию диловарӣ дар ғалабаи умум бар душман саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хоҷагии халқи Душанбе ба тарзи ҳарбӣ гузаронида шуд. Сохтмонҳои саноатӣ якбора паст рафт, зеро маблағгузории асосӣ дар навбати аввал барои тадбирҳои мудофиавӣ масраф мегаштанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳамин давра навбати аввали комбинати бофандагӣ, заводи семент, фабрикаи трикотаж, якчанд корхонаҳои соҳаи озуқа, Канали Калони Ҳисор ба истифода дода шуданд.

Ҳарсола симои шаҳри Душанбе низ зеботар мегашт. Аз соли 1946 васеъ намудану асфалтпӯш кардани кӯчаҳо оғоз гардид. Дар нимаи дуюми солҳои 40-ум сохтмони муҷтамаи зебое, ки сохтмонаш аз соли 1939 оғоз ёфта буд,

ба охир расид. Нақшаи асосиро дар он театри Академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ, майдони ба номи 800-солагии Маскав, меҳмонхонаи «Вахш» ва бинои истиқоматии сеошёна бо мағозааш мебозиданд. Дар айни замон майдони ба номи 800-солагии Маскав яке аз ҷойҳои зеботарини пойтахт ба ҳисоб меравад.

Дар соли 1946 сохтмони Қасри ҳукумат, ки ҳоло дар он Маҷлиси Намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой гирифтанд, ҳамчунин майдони Дӯстӣ ба охир расонда шуд.

Соли 1964 аз ҷониби меъморони Тоҷикистон «Муқаррароти асосии инкишофи шаҳри Душанбе барои солҳои 1965-1980» (муаллифон В. Пекарский, И. Ткачев, С. Самонина, Т. Терещенко, В. Бирюков)-ро пешниҳод карданд, ки дар ин маврид он барои 460 ҳазор нафар аҳолӣ пешбинӣ шуда буд. Ин муқаррарот дар шакли лоиҳаи сохтмони Душанбе, ки 25 апрели соли 1966 тасдиқ  ёфт, барои сохтмони муттасили шаҳракҳои истиқоматӣ дар кӯчаҳои Маяковский, хиёбони Саъдии Шерозӣ, маҳалаҳои истиқоматии 1 ва 2-юми Советӣ, микрорайони 82 такони сахт буд. Дар ибтидои солҳои 60-ум фурудгоҳ, вокзали роҳи оҳан, меҳмонхонаи «Душанбе», калонтарин дар Осиёи Миёна беморхонаи клиникии № 3 сохта шуданд.

Дар солҳои 70-80 кӯча ва хиёбонҳои пойтахтро биноҳои нави бошукӯҳ – Пажӯҳишгоҳҳои бешумори Академияи илмҳо, Вазоратҳои корҳои дохилӣ ва амният, муҷтамаи ёдгории Садриддин Айнӣ, меҳмонхонаи «Тоҷикистон» ва «Авесто», муассисаҳои фарҳангӣ – Қасри фарҳангии иттифоқҳои касаба, комплекси киною консерти «Борбад», Сирк, Театри бачагонаи лӯхтак, Театри ҷавонон ба номи М. Воҳидов, мактабҳои олии таълимӣ – Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода, Донишкадаи тарбияи бадан ва варзиш, Донишкадаи забонҳо зеб доданд. Навбатҳои аввали комплексҳои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон, боғҳои фарҳангию фароғатӣ- Дӯстии халқҳо, Ғалаба бо муҷтамаи ёдгориаш, даҳҳо биноҳои ҷамъиятӣ, таълимгоҳҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, муассисаҳои тиббӣ, даҳҳо боғ, кинотеатрҳо ва ғайра ба истифода дода шуданд. Дар роҳҳо гузаргоҳҳои пиёдарави зеризаминӣ сохта шуданд.

Соли 1984 ба муносибати 50-солагии ташкилёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои комёбиҳои хоҷагию фарҳангӣ, барои саҳми меҳнаткашони тоҷик дар таъмини ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС шаҳри Душанбе бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шуд.

Дар охири солҳои 90-ум бо сабаби вазъи ноустувори ҷамъиятию сиёсӣ ва бар асари он якбора ҳиҷрат намудани мардуми русзабон, аҳолии Душанбе аз 650 ҳазор то 540 ҳазор кам гардид.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон яке аз давраҳои вазнинтарин ва тезутунд дар таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад, зеро сабабҳои ин зиддияти яроқнокро муайян кардан хеле душвор аст. Ҷанг бо



оштинопазирӣ ва бераҳмиаш ҳамто надошт. Дар он бо тарзи возеҳ бартарии сиёсат бар омилҳои ҳарбию стратегӣ, бахусус нақши сабабҳои иҷтимоию рӯҳӣ – боварии сангарнишастагон ба ҳақиқати кори худ, ташаббускорӣ, ҷонфидоии фавқулода ва ғайраҳо ҷой доштанд. Фоҷеаи ҷанг ҳамчунин аз он иборат буд, ки бераҳмӣ бераҳмиро ба бор меовард ва ба гирдоби ҳаводиси фоҷеавӣ миллионҳо одамони бегуноҳ кашида шуда буданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ моҳи маи соли 1992 ба зиддияти тезутунд дар ду майдони Душанбе – Шаҳидон (собиқ майдони ба номи И. Путовский) ва Озодӣ, ки дар хиёбони Рӯдакӣ дар масофаи 500 метр аз ҳамдигар ҷой доштанд, оғоз ёфт.

Шаҳри дӯстию меҳмоннавоз, ки дар он халқҳои гуногун дӯстона мезистанд, дар рӯзҳои башумор ба шаҳри нороом, ваҳшат, ғаму андӯҳ ва дарду алам табдил ёфт.

Пас аз баргузории Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари давлат интихоб шудани Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Душанбе аз нав ободу зебо гашт ва симои пешинаи худро барқарор кард.

Эҳёи иқтисодиёт набзи воқеии тараққиёти шаҳр аст. Корхонаҳои саноатӣ тадриҷан аз таназзул баромаданд аз ҷумла, агар ба сифати нишондоди ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар соли 1990 ба миқдори 100% гирифта шавад, он гоҳ дар соли 1997 вай ба дараҷаи хеле паст – 9,1% рафта расид. Дар ҳамин давра дар шаҳр 260 объекти сохтмони нотамом мавҷуд буд.

Аз соли 1998 нишондоди ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, нисбат ба солҳои қаблӣ ҳарсола ба миқдори 10% тадриҷан изофа гашта, афзоиш ёфт. Аз ҷумла, дар нимсолаи аввали соли 2002 маҳсулоти саноатӣ ба миқдори 11,2% назар ба ҳамин давраи соли 2001 бештар истеҳсол карда шуд. Корхонаҳои бешумори саноатӣ саҳҳомӣ гашта, акнун худи саҳмгузорон ба истеҳсоли зиёди мол шавқманд мебошанд. Корхонаҳои зиёди муштарак ба вуҷуд омаданд, ки ҳамкоронашон ширкатҳои хориҷӣ мебошанд.

18 маи соли 2002 сокинони Душанбе ба шабакаи компютерии ҷаҳонии Интернет роҳ ёфтанд. Дар ҳамин рӯз маъракаи кушодашавии аввалин Интернет сайт – www.pressclyb.tajnet.com баргузор гардид. Ҳамчунин аввалин маҷаллаи Интернетӣ «Тоҷикистони нав» нишон дода шуд, ки ҳар ҳафта дар ҳаҷми 25-30 саҳифа бо маводи тавзеҳдиҳанда ва ороишоти баландсифат мебарояд.

Маҷмааи боҳашамат ва симои образноки ҳайкали Исмоили Сомонӣ, ки ба муносибати 1100-солагии Давлати Сомониён эҷод шудааст, шоҳроҳи санъат гардид (меъмор Б. Зуҳуриддинов). Муҷассама на танҳо дар миқёси Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ, ки дар гӯшаҳои беканораш ёздаҳ аср пеш мамлакати тавоно – Давлати Сомониён доман паҳн намуда буд, иншооти нодир ба ҳисоб меравад.



Дастовардҳои шаҳри Душанбе дар 10 соли охир барҳақ инқилобианд. Ҳамаи боғҳои фарҳангӣ-фароғатии пойтахт, аз ҷумла Боғи Куруш, Боғи Рудакӣ, Боғи Дӯстии Халқҳо, Боғи Айнӣ, Боғи Ирам таъмиру тармим шуда, боғҳои нави Хайём, Аҳмади Дониш, Навоӣ, Восеъ ва ғайра симои пойтахтро ба куллӣ тағйир доданд. Биноҳои нави замонавӣ имрӯз тамоми гӯшаву канори шаҳрро зебо намуданд. Даҳҳо кӯдакистон, мактабҳои замонавӣ, биноҳои маъмурӣ шаҳри Душанберо ба яке аз шаҳрҳои зебои минтақа мубаддал намуданд. Роҳҳои пойтахт азнавсозӣ ва таъмир шуда, эстакадаҳои нави замонавӣ кори нақлиёти шаҳрро бамаротиб осон намуданд.

Имрӯз дар фазои сиёсати созандаву бунёдкорона ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ симои шаҳри Душанбе ба куллӣ тағйир ёфта, ба яке аз марказҳои пешрафтаи сиёсӣ ва фарҳангию маъмурии ҷаҳон  мубаддал гардидааст.



**МАЪЛУМОТ ДОИР БА МАЙДОНИ «ИСТИҚЛОЛ»**

Ба истиқболи 30-солагии истиқлоли Тоҷикистон дар маркази шаҳри Душанбе, дар шафати хиёбони Рӯдакӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Саид Носир “Маҷмааи “Истиқлол” қомат афрохт.

Маҷмаа аз тарафи гурӯҳи корӣ таҳти сарварии Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ, меъморон Зуҳуритдинов Сироҷиддин ва Усмонзода Қосим тарҳрезӣ шудааст.

Масоҳати умумии майдон 30 гектар буда, аз бурҷи Истиқлол, 7 дарвозаи чӯбии кандакоришуда, майдони баргузории чорабиниҳои муҳимми давлатӣ, минбари суханронӣ, фаввораҳои ранга, гулгаштҳо бо ороиши миллӣ, марказҳои техникӣ ва ғайра иборат мебошад.

Дарвозаи асосӣ аз тарафи хиёбони Рӯдакӣ ҷойгир буда, то маҷмаа роҳи пиёдагарди 250 метраро дар бар мегирад. Инчунин дар рӯбарӯи маҷмаа ду майдони баргузории чорабиниҳо ҷойгиранд. Баландии қисмати поёни маҷмаа 30 метр буда, ифодагари 30-солагии истиқлоли давлатӣ мебошад.

Шаш фаввора аз даромадгоҳи асосӣ то назди маҷмаа ҷойгир шудаанд, ҳафт фаввораи рангаи дигар маҷмааро иҳота кардаанд, ки ба ҳусни он ҳусн зам мекунанд.

Баландии қисмати болоии маҷмаа 91 метр буда, санаи таърихии соли 1991 ба даст овардани истиқлоли давлатии Тоҷикистонро ифода мекунад. Баландии умумии маҷмаа 121 метрро ташкил медиҳад.

Маҷмаа ҳамчун рамзи дарахти ҳаёт сохта шудааст.

Тоҷе, ки дар сақфи маҷмаа ҷойгир аст, мустақил, соҳибтамаддун ва соҳибистиқлол будани тоҷиконро ифода мекунад.

Сутуни дарахти ҳаёт то ба боло бо шабеҳи навдаи дарахт печонида шудааст. Пояи маҷмаа шакли ҳарамро дошта, аз 7 дарвоза иборат аст. Девори иншоот бо 14 деворнигора ороиш дода шуда, баёнгари таърихи халқи тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯзро ифода мекунад. Дар дохили маҷмаа осорхона, нигористон ва толорҳои маҷлис иборат аст.




МАЙДОНИ ИСТИҚЛОЛ











































## ДЕВОРНИГОРАҲОИ МУҶАССАМАИ «ИСТИҚЛОЛ»-И МАЙДОНИ «ИСТИҚЛОЛ»

Маҷмааи Боғи Истиқлол, ки ба ифтихори 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфтааст, аз чанд бахшҳои алоҳида иборат мебошад. Дар маркази боғ муҷассамаи «Рамзи Истиқлол» бино ёфтааст, ки аз берун атрофи онро чаҳордаҳ деворнигора (барелеф)-и андозаи 9 x 5,20 метр иҳота намудаанд. Дар ин чаҳордаҳ деворнигора таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик, вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ бо аксу рамзҳо тасвир ёфтаанд.

Деворнигораи аввал, ки «Каюмарс ва Ҷамшед ҳамчун шоҳи аввалини ақвоми ориёӣ. Шиносоӣ бо китоби Авесто» ном дорад, қадимтарин давраи таърихи мардуми ориёиро тасвир менамояд. Дар он тасвири Каюмарс-Гилшоҳ инсони нахустин дар ҷаҳоншиносии тоҷикон, нишон додани Ҷамшед ҳамчун шоҳи аввалини ақвоми ориёӣ, бунёдгузории ҷашнҳои Наврӯз, Садда, Меҳргон, достони Фаридун ва ба фарзандонаш тақсим кардани ҷаҳон, ба дарбори Виштосп омадани Зардушт ва овардани китоби муқаддаси Авесто ҷой гирифтаанд.

Деворнигораи дуюм - «Ба сари қудрат расидани Куруши Кабир ва муттаҳид намудани сарзамини ориёӣ» номгузорӣ шудааст, ки дар он доир ба нахустин империяи ҷаҳонӣ - Давлати Ҳахоманишиён маълумот дода шуда, акси намояндагони мулкҳои ориёӣ, аз ҷумла, Суғду Бохтару Хоразм, ба сари қудрати сиёсӣ омадани Куруши Кабир ба як давлати мутамарказ, муттаҳид намудани сарзамини ориёӣ, эълон шудани Эъломияи ҳуқуқи Куруши Кабир тасвир ёфтаанд.

Деворнигораи сеюм - “Муборизаи Спитамен бо Искандари Мақдунӣ- муҳорибаи “Санги суғдӣ” ном дорад. Муборизаи гузаштагони халқи тоҷик- қавмҳои ориёӣ, махсусан суғдиёну бохтариён ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи миллати мо дар роҳи озодӣ ва истиқлол мебошад. Дар ин деворнигора ҳамчун рамзи ин мубориза ҷанги Спитамен бо мақдуниҳо бо сардории Искандар, муҳорибаи “Санги суғдӣ” тасвири худро ёфтааст.

Дар деворнигораи чорум - “Давлатдориҳои Ашкониён, Кушониён ва давлати Сосониён” доир ба се давлати абарқудрати аҷдодӣ Ашкониён, Кушониён ва Сосониён маълумот медиҳад. Дар ин деворнигора аксҳои Меҳрдоди дуи ашконӣ, Канишкаи Кабири кушонӣ ва Ардашери Бобакони сосонӣ ва намунаҳои гуногуни санъати меъмории асрҳои III-V милодӣ оварда шудаанд.



Деворнигораи алоҳида муборизаи аҷдоди тоҷикон ба муқобили арабҳо, шӯришҳои мардумӣ ва ҷанги озодихоҳии суғдиёну хуталониҳо бо сардории Деваштич, сарбардоштани ашрофони маҳаллӣ, ба сари қудрат омадани нахустин хонадонҳои тоҷикии Тоҳириён ва Саффориён акс ёфтааст.

Дар панои алоҳида давраи заррини таърихи халқи тоҷик - Давлати Сомониён тасвир шудааст. Дар он акси Исмоили Сомонӣ, девонҳо, акси  адибон ва олимон, намунаи меъморӣ ва ҳунармандии замони Сомониён тасвири худро пайдо намудааст. Таърихи пас аз Сомониён “Тоҷикон дар асрҳои XI – XIII” нигораи алоҳидаро ташкил медиҳад, ки доир ба давлатҳои тоҷикии Ғуриён, ки тамоми ҳудуди Хуросони Бузург ва қисми Ҳиндустонро дар бар мегирифт, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорон, бо нишон додани акси Ғиёсиддини Ғурӣ маълумот медиҳад. Яке аз давраҳои мудҳиштарини таърихи халқи тоҷик ин ҳуҷуми ӯрдуи муғул ба сарзамини аҷдодӣ мебошад. Муборизаи мардуми тоҷик барои муҳофизати марзу бум ва шаҳрҳову тамаддуни пешрафтаи худ дар ду панои ҷудогона тасвир шудааст. Дар яке муборизаи мардум ба муқобили муғулҳо, шӯриши Маҳмуди Торобӣ ва ҳаракати сарбадорон, дар дигаре муборизаи қаҳрамононаи Темурмалик ба муқобили аҷнабиён ва мудофиаи Хуҷанд бо рамз тасвир шудааст.

Муддати тӯлонӣ ҳокимияти сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар дасти хонадонҳои гуногуни азберуномада буд, аммо низоми давлатдорӣ, коргузорӣ, илму фарҳанг дар дасти тоҷикон буд. Барои ҳамин дар нигораи алоҳида бо нишон додани акси китобу катибаҳои асримиёнагӣ ва намунаи санъату ҳунар, шоирону адибон аз Абдураҳмони Ҷомӣ то Аҳмади Дониш дастовардҳои фарҳангии як марҳалаи тӯлонии таърихи ниёкон таҷассуми худро пайдо намудааст.

Тоҷикон дар тӯли таърих соҳиби тамаддуни бузург ва аз ҷумла, фарҳанги волои шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар деворнигораи навбатӣ бо нишон додани пораҳо аз ҳунари  меъморӣ доир ба шаҳрҳои бузурги таърихии тоҷикон Саразм, Гонур, Балх, Нисо, Марв,  Самарқанд, Бухоро, Тахти Сангин, Хуҷанд, Панҷакенти қадим, Бунҷикат, Хулбук, Қалъаи Ҳисор, Ҳирот, Ғазна барои тамошобинон маълумот пешниҳод шудааст.

Деворнигораҳои дигар (12-13-14) инъикоскунандаи таърихи давраи нав ва навтарини халқи тоҷик мебошанд, ки дастовардҳои ин халқи тамаддунсозро дар сад соли охир нишон медиҳанд. Бо тасвири нахустин биноҳои аврупоӣ, азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкили низоми обёрӣ, махсусан ободсозии водии Вахш, сохтмонҳои бузург, НБО-и Норак, акси намояндагони сиёсат, илму фарҳанг ва адабиёт, дастовардҳои халқи тоҷик дар давраи шӯравӣ нишон дода шудаанд.



Бузургтарин дастоварди миллати тоҷик  соҳиб шудан ба истиқлоли комили давлатӣ ва дар харитаи сиёсии олам аз нав ҷой гирифтани давлати соҳибихтиёр ва мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба бунёди давлати нави миллии тоҷикон ва рӯ овардани эъмори низоми муосири давлатдорӣ Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ баргузор гардид, ибтидо гузошт. Аз ин рӯ дар панои алоҳида ин марҳалаи таърихӣ бо тасвири Қасри Арбоб, Иҷлосияи шонздаҳум, баромади Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Майдони дӯстӣ, сохтмони бузурги аср- НБО-и Роғун, акси қаҳрамонони меҳнат пешкаши тамошибинон гардидааст.

Деворнигораи чаҳордаҳум дастовардҳои замони Истиқлолро тасвир менамояд. Дар маркази он акси меъмори давлати навини миллии тоҷикон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми савгандёдкунӣ ва дар атрофи он муқаддасоти миллӣ-Нишон ва Парчами миллӣ, Қасри миллат, биноҳои нав, тасвирҳо доир ба самтҳои гуногуни хоҷагию фарҳанги кишвар ҷой гирифтаанд. Деворнигораҳо аз тарафи мутахассисони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи мусаввирии Тоҷикистон омода карда шудаанд.






***Каюмарс ва Ҷамшед ҳамчун шоҳони аввалини аҷвоми ориёӣ. Шиносоӣ бо китоби Авесто.***





***Ба сари қудрат расидани Куруши Кабир ва муттаҳид намудани сарзаминҳои ориёӣ.***



*Муборизаи Спитамен бо Искандари Мақдунӣ - муҳорибаи «Санги Суғдӣ».*





*Давлатдориҳои Ашкониён, Кушониён ва Сосониён. Меҳрдоди 2, Канишкаи Кабир, Ардашери Бобакон ва санъати меъмории асрҳои III-V.*





***Деваштич. Мубориза бар зидди арабҳо. Давлатдориҳои Тоҳириён ва Саффориён.***



*Сомониён. Исмоили Сомонӣ. Вазирон, аҳли илму адаб.*





***Тоҷикон аз асри XI то асри XVI. Ғиёсиддин Ғурӣ муассис ва амири империяи тоҷикии Ғуриён дар Хуросони Бузург, Ҳиндустон ва Куртҳои Ҳирот.***





***Мубориза ба муқобили истилои муғул. Маҳмуди Торобӣ. Сарбадорон.***





***Темурмалик - қаҳрамони халқи тоҷик. Мубориза бар зидди муғул.***






***Фарҳанг ва илми тоҷикон аз АбдураҳмониҶомӣ то Аҳмади Дониш.***
***Акси китобҳои асримиёнагӣ, шоирону адибону олимон, намунаи санъат ва ҳунармандиву меъморӣ.***



***Шаҳрсозӣ: Саразм, Гонур, Балх, Нисо, Марв, Самарқанд, Бухоро, Тахти Сангин, Хуҷанд, Панҷакенти кадим, Бунҷикат, Ҳисор, Кӯлоб, Истаравшан, Ҳулбук, Ҳирот, Ғазна ва диг.***



*Таърихи нав. Сохтмонҳои бузург. Аввалин биноҳои аврупоӣ, ободсозии Вахш, НБО-и Норак, намояндагони сиёсат, илм ва фарҳанг.*





*Давраи истиқлол. Қасри Арбоб. Сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Майдони дӯстӣ. Сохтмони аср - НБО-и Роғун.*



*Дастовардҳои замони истиқлол. Акси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми савгандёдкунӣ. Нишон ва Парчам, Қасри миллат, бинои парлумон ва театри миллӣ.*

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАХТИ РАМЗИИ ШОҲ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Тахти рамзии шоҳ Исмоили Сомонӣ аз чӯб сохта шуда, қисмати болоии он тиллокорӣ шудааст. Тахт пурра бо усули миллӣ ороиш ва кандакорӣ шудааст. Тахти рамзӣ амали кори рассом ва заргар Расулов Ҷамшед мебошад.

Дар болои тахт тоҷи тиллоӣ ҷойгир аст, ки аз тиллои тозаи истеҳсоли кишвар сохта шудааст. Тоҷ бо сангҳои қимматбаҳо, аз ҷумла, алмосҳои диаметрашон 3 ва 2 мм, ёқути кабуди диаметраш 15 мм, тилло ва тиллои сафед, лаъли Бадахшон ба андозаи 22x15мм, ёқути диаметраш 5мм зиннат ёфтаанд.

Дар рӯи тахт фарри шоҳии тиллоӣ гузошта шудааст. Фарр, ки нишони давлатдорӣ ва тахту тоҷ аст бо 68 адад шуои зардузӣ оро ёфта, бо тоҷи заррин пайваст шудааст ва ин ишора ба соҳибистиқлолӣ ва эҳёии нави Тоҷикистони мустақил аст. 68 адад будани шӯълаҳо ишора ба 68 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аст. Диаметри давраи зардӯзикардашуда 300 мм. аст ва ҳар як шуои зардӯзишуда бо риштаи филизии тиллоии маҳакаш (проба) 999 кашида шудааст. Барои ин кор тақрибан 680 грамм тиллои холис сарф шудааст.

Аз ду тарафи тахт шери болдор бо нӯли уқоб грифон ҷойгир аст, ки ба шакли бозубанд аз Хазинаи Амударё ёфт шудааст. Тасвири шери болдор ҳамчун нигоҳдорандаи тахт ва қудрат байни мардуми Бохтари қадим хеле маъмул буд.

Тахт дар байни чортоқ (чор сутун) ҷойгир шудааст ва атрофи онро сутунҳои чӯбии бо сангҳои қимматбаҳои маҳаллӣ ороёфта иҳота кардаанд. Паси тахт бо деворнигораҳои Панҷакенти Қадим, Варахша ва Афросиёб бо истифода аз сангҳои қимматбаҳо сохташуда ороиш дода шудаанд. Ин деворнигораҳо маҳсули ҳунари ҳунармандони ҷумҳурӣ комилан баробар ба нусхаи асл аз санг эҳё гардидаанд ва ҳамчун намунаи ҳунари ниёкони тоҷикон аз шаҳрҳои қадима бозёфт гардидаанд.

Равоқи тахт ба мисли тимпани (чӯбкории) Бунҷикат, ки дар он саҳнаҳои таърихӣ аз “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ кандакорӣ шудаанд, сохта шудааст. Арофи тахтро ҳафт калиди рамзии шаҳрҳои кишвар-Душанбе дар марказ ва аз ду тараф Саразм, Истаравшан, Хуҷанд, Ҳисор, Ҳулбук, Ямчун гузошта шудаанд. Ин ишора ба он аст, ки Душанбе имрӯз на танҳо маркази сиёсии ҷумҳурӣ, балки маркази фарҳангии тамоми тоҷикони дунё мебошад.





Wall painting Poem of Rustam
Ancient Panjakent
Wall painting: Afrasyab


Деворнигора: Афросиёб
(асрҳои VI-VII),
Варахша (асрҳои VI-VIII).
Wall painting: Afrasyab
(6th-7th centuries A.D.),
Varakhsha (6th-8th centuries A.D.).


еворнигора: “Рустамнома”.
анчакенти Қадим (асрҳои V-VIII).
Wall painting Poem of Rustam
Ancient Panjakent
(5th-8th centuries A.D).









***Тоҷи рамзии Исмоили Сомонӣ***



*Амуди салтанати рамзии Исмоили Сомонӣ*





***Фойтун аз «Хазинаи Амударё». Асрҳои VI-V то милод***



*Дастпона аз «Хазинаи Амударё». Асрҳои VI-V то милод*





*Калиди рамзии шаҳри Душанбе*





***Калиди рамзӣ ба ифтихори 5500 солагии Саразми бостон***





***Калиди рамзӣ ба ифтихори 3000 солагии шаҳри Ҳисор бостон***







***Калиди рамзӣ ба ифтихори 2700 солагии шаҳри Кӯлоби бостон***







***Калиди рамзӣ ба ифтихори 2500 солагии шаҳри Хуҷанди бостон***





***Калиди рамзӣ ба ифтихори 2500 солагии шаҳри бостонии Истаравшан***





***Калиди рамзии Ямчун***

## ОСОРХОНАИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР МАҶМААИ ИСТИҚЛОЛ

Дар ошёнаи дуюми Маҷмааи Истиқлоли Майдони Истиқлоли шаҳри Душанбе Осорхонаи таърихии шаҳри Душанбе ташкил карда шуд. Осорхона мувофиқ ба талаботи муосири осорхонашиносӣ ва ороиши замонавӣ бино ёфтааст. Экспонатҳои осорхона доир ба таърихи қадимаи Душанбе ва рушди шаҳр дар давраи навтарин ба тамошобинон маълумоти муфассал манзур менамоянд. Ҷобаҷогузории нигораҳо мувофиқ ба хронологияи таърихӣ амалӣ шуда, онҳо тавассути гузоштан дар витриниҳо ва ё аксу тасвирҳо дар деворҳо манзури тамошобинон гардидааст.

Шаҳри Душанбе дорои таърихи қадима мебошад, ки ба ин ёдгориҳои асри санг - табарҳои сангии аз Лучоб ва соҳили дарёи Душанбе ёфтшуда гувоҳӣ медиҳанд. Осори давраи асри биринҷӣ аз гардиши фурудгоҳи шаҳр, шаҳраки антиқии Душанбе ва дигар намунаҳои ҳунар ба мисли акси Дионис ва гӯшвори занона дар шакли сфинкс (абулҳавл) аз маҳали Амфитеатри шаҳр ва ҳамзамон табари биринҷии аз Шаҳраки Академӣ пайдо намуда, витринаҳои алоҳидаро оро медиҳанд.

Ҳафриёти бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳудуди имрӯзаи шаҳри Душанбе дар давраи асри санг одамон зиндагӣ мекарданд. Бозёфтҳои археологӣ макони зисти одамон будани Душанберо дар аҳди Юнону Бохтар ва Кушониён, дар замони асрҳои миёна тасдиқ менамоянд. Доир ба таърихи асримиёнагии шаҳр хазинаи сиккаҳои темурӣ, нигораҳои тилло ва нуқрагӣ, харитаи ёдгориҳои археологӣ, аксҳои бекии Ҳисор ва амлокдории Душанбе дар солҳои 1869-1921, Душанбе ва деҳаҳои атрофи он дар ибтидои асри XX, кӯзаву сафолпораҳои гуногун барои ташрифоварандагон маълумоти кофӣ манзур менамоянд.

Шаҳри Душанбе дар давраи нав ва навтаринро осори гуногуни дар витринаҳо гузошта ва аксҳои зиёди таърихии дар девор насбшуда муаррифӣ менамоянд. Тамошобинон аз нигораҳо ва тасвирҳои манзуршуда доир ба марҳала ба марҳала рушд намудани шаҳр, аввалин биноҳои замонавӣ, пойтахти ҷумҳурии мухтор ва сипас ҷумҳурии иттифоқӣ эълон шудани он, нахустин муассисаҳои саноатӣ ва фарҳангӣ, роҳҳои дохили шаҳр маълумот пайдо менамоянд. Як гӯшаи алоҳида ба таърихи давраи Ҷанги Бузурги Ватании шаҳр бахшида шудааст, ки он бо аксҳои раванди сафарбарӣ ба ҷабҳа, гусели ҷанговарон, корномаҳои мардуми шаҳр дар ақибгоҳ, корхонаҳо, муассисаҳо, эвакогоспиталҳо, сохтмони манзил ва коргоҳҳо, аксҳои ҷанговарони душанбегӣ аз ҷабҳа, асбобу анҷом ва либосу ярокҳои ҷанговарон, нусхаи хитобномаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо ороиш ёфтааст.

Бо нигораҳои гуногун ва аксҳои таърихӣ ҳаёти шаҳр дар солҳои баъдинаи замони шӯравӣ, аз ҷумла таъсиси Академияи илмҳои Тоҷикистон, сангфарш намудани кӯчаи марказии шаҳр, аввалин бинои чорошёнаи истиқоматӣ,



кушодашавии Боғи ҳайвонот, фурудгоҳ ва вокзали нави Душанбе, аввалин яхдони “Помир”, китобҳо доир ба шаҳр, сурат-албомҳо инъикос ёфтаанд.

Бахши алоҳидаи осорхонаро Душанбе дар замони Истиқлол ташкил медиҳад. Тавассути нигораҳо ва аксҳои ҷолиб куллан тағйир ёфтани симои шаҳр дар замони соҳибистиқлолӣ, махсусан даҳсолаи охир нишон дода шудааст. Пеша за ҳама, бо аксҳои ранга кушодашавии маҷмааи меъмории Исмоили Сомонӣ, боғҳои истироҳативу фарҳангӣ, ифтитоҳи Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ва бинои Осорхонаи миллӣ, Китобхонаи миллӣ, Қасри Миллат, Кохи Наврӯз, Наврӯзгоҳ, Боғи Парчам, Боғи Нишони миллӣ, Маҷмааи “Пойтахт”, Эстакадаҳои Душанбе, биноҳои замонавии истиқоматӣ, мактабҳои президентӣ, кӯдакистонҳо ва дигар дастовардҳои замони Истиқлол нишон дода шудаанд.

Дар як гӯшаи алоҳида тахти шоҳ Исмоили Сомонӣ бо тамоми унсурҳои таърихияш ва ороиши деворнигораҳои таърихӣ аз Афросиёб, Варахша, Панҷакенти Қадим ва Бунҷикат, ки ҳунармандони тоҷик аз санг онҳоро барқарор намудаанд, гузошта шудааст. Атрофи онро ҳафт калиди тиллоии рамзӣ аз ҳафт шаҳри қаламрави имрӯзаи ҷумҳурӣ Душанбе, Саразм, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Ямчун ва Хулбук, инчунин нусхаи намунаҳои санъати волои Хазинаи Амударё- бозубанди тиллоӣ ва Аробачаи тиллоӣ гузошта шудаанд. Тахти шоҳӣ бо тоҷи тиллоӣ рамзи давлатдории аз тилло ва сангҳои қимматбаҳо ороиш ёфтааст.

Дар толори осорхона витринаҳои алоҳида доир ба сарулибоси минтақаҳои ҷудогонаи кишвар, асбоби рӯзгор ва мусиқӣ ҷойгир шудаанд. Умуман, осорхона ҳамчун як ҷойи тамошобоб ва ҷолиб барои сокинони шаҳру ҷумҳурӣ ва сайёҳони хориҷӣ омода гардидааст.

Нигористон дар ошёнаи дуюм ҷойгир буда, дар он 30 мусавварaи рассомони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Рассоми Халқии Тоҷикистон Олимҷон Рабизода ба маърази тамошо гузошта шудаанд.














*Харитаи ёдгориҳои бостонӣ аз ҳудуди шаҳри Душанбе.*





***Табарсангҳо. Неолит. Лучоб. Ҳазорсолаи VI – III то милод.***



***Табақи сафолӣ. Маҳаллаи пули фурудгоҳ ш.Душанбе. Ҳазорсолаи II то милод.***



***Табар-теша. Биринҷӣ. Шаҳраки Академӣ, ш. Душанбе.***



*Лавҳа бо тасвири Диониси ҷавон. Асрҳои I-II то милод. Шаҳристони Душанбе.*



*Сфинкс. Электра. Асрҳои I-II то милод. Шаҳристони Душанбе.*



*Ғалсамаи моҳӣ. Садаф. Шаҳристони Душанбе.*



*Лавҳаи нақшдор. Асрҳои III-II то милод.*
*Шаҳристони Душанбе.*



*Муҷассамаи марди тоҷдор.*
*Асрҳои I-II. Шаҳристони Душанбе.*



*Ҷузъи табақ. Гил. Асри I то милод.*
*Шаҳристони Душанбе.*



*Ҳайкалчаи парранда. Сафол. Асрҳои I-II. Шаҳристони Душанбе.*



*Дастаи зарф дар шакли асп. Сафол. Асри III милодӣ. Шаҳристони Душанбе.*



*Мӯҳр. Асри III милодӣ. Шаҳристони Душанбе.*



*Дастаи зарф дар шакли асп. Сафол. Асри III милодӣ. Шаҳристони Душанбе.*



***Сиккаҳои сосонӣ. Нуқра. Асрҳои II-III. ш.Душанбе.***



*Ганҷинаи Душанбе. Нуқра. Асрҳои XI-XII. Чормағзактеппа.*



*Зарфҳои мунақақаш. Асрҳои X-XI. Шаҳраки Шишахона (маҳаллаи 84-уми ш.Душанбе).*



*Зарфҳои мунақақаш аз шаҳраки Мавлоно ва Куктош. Асрҳои X-XI.*



*Зарфи мунақақаш. Асрҳои X-XI. Шаҳраки Шишахона (маҳаллаи 84-уми ш.Душанбе).*



*Зарфи мунақақаш. Асрҳои X-XI. Шаҳраки Шишахона (маҳаллаи 84-уми ш.Душанбе).*



*Ҳайкалчаи аспи зиндор. Сафол. Асрҳои X-XI. Шаҳраки Шишахона.*





*Сиккаҳои Хоразамшоҳ. Тилло. Асри XIII. ш.Душанбе.*